Ҷаҳонро ба дониш тавон ёфтан

# Молия ва иқтисод



№ 04 (117)
30 октябри
2018

Оғози нашр: 7.03.2013 // Нашрияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

www.tgfeu.tj

## ФОРУМИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ СОҲИБКОРИИ ДУШАНБЕ - 2018 ТАҲТИ УНВОНИ "РУШДИ СОҲИБКОРИЮ САРМОЯГУЗОРӢ ВА РАВАНДҲОИ МУОСИРИ ИҚТИСОДӢ"

**15.10.2018 11:30, шаҳри Душанбе**



Рӯзи 15 октябри соли 2018 дар Муассисаи давлатии "Кохи Борбад"-и шаҳри Душанбе ба ифтихори таҷлили чорумин солгарди ҷашни Рӯзи соҳибкорон таҳти сарпарастии бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Форуми байналмилалии соҳибкории Душанбе - 2018 таҳти унвони «Рушди соҳибкорию сармоягузорӣ ва равандҳои муосири иқтисодӣ» баргузор гардид.

Қабл аз оғози форуми мазкур "Намоишгоҳи молу маҳсулоти соҳибкорони ватанӣ" баргузор гардид, ки дар он зиёда аз 50 нафар истеҳсолкунандагон молу маҳсулоти худро ба тамошои иштирокчиён манзур гардониданд.

Дар форум намояндагони мақомоти қонунгузории кишвар, аъзои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбарони марказҳои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, намояндагони воломақоми созмонҳои байналмилалии молиявӣ, корпусҳои дипломатӣ, шариконии рушди муқими Тоҷикистон, соҳибкорони бурунмарзӣ (диаспораҳо) сармоягузорони ватаниву хориҷӣ, намояндагони ширкатҳо аз 21 кишвари олам ва соҳибкорони ватанӣ, маҷмӯан зиёда аз 2000 нафар иштирок намуданд.

Маросими расмии форум бо сухани ифтитоҳии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оғоз гардида, дар он ҷанбаҳои муҳимтарини соҳаи иқтисодиёти кишвар, аз ҷумла, рушди соҳибкорию сармоягузорӣ ва равандҳои муосири иқтисодӣ дар марҳилаи ҷаҳонишавии иқтисодиёт, рушди иқтисодиёти рақамӣ бо истифодаи технологияҳои иттилоотию инноватсионӣ, зарурати саъю кӯшишҳои бештари якҷояи ҷомеаи ҷаҳонӣ баҳри истифодаи оқилонаи имконият ва захираҳои мавҷуда, нақши равандҳои муосири иқтисодӣ дар баланд бардоштани самаранокии натиҷаҳои фаъолият тавассути таъмини шаффофият, сифат ва тавсеаи номгӯи молу хизматрасониҳо ва дар маҷмӯъ, рушди устувори иқтисодиёти миллӣ матраҳ карда шуданд.

Инчунин дар бахши ифтитоҳии форум директори минтақавии Бонки аврупоии таҷдид ва рушд дар Осиёи Марказӣ ҷаноби Нил Маккейн, президенти ширкати кореягии "Сеул Мачинери" ҷаноби Вон Ҳии Ким, Ҳамоҳангсози доимии Созмони Милали Муттаҳид, Роҳбари Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид дар Тоҷикистон хонум Пратибҳа Меҳта, ноиби президенти ширкати фаронсавии "Файвс Груп" ҷаноби Жан Франсуа Легран ва директори минтақавии Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ дар Тоҷикистон хонум Кассандра Колберт баромад намуданд.

Изҳори итминон карда шуд, ки натиҷаҳои форум, мувофиқаҳои бадастомада ва созишномаҳои дар доираи он баимзорасида ба таҳкими заминаҳои асосии муносибатҳои мутақобилан судманди иқтисодию тиҷоратӣ, таъмини рушди иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми Тоҷикистон ва минтақа, инчунин қавӣ гардонидани иродаи ҳамбастагӣ дар самти истифодаи якҷоя ва самараноки имкониятҳоямон мусоидат хоҳанд кард.

Дар фарҷом Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҷлили чорумин солгарди "Рӯзи соҳибкорон"-ро барои соҳибкорон муборакбод гуфта, ба аҳли нишаст фаъолияти пурсамар ва барору комёбиҳо орзу намуданд.

http://www.prezident.tj/

## ОҒОЗИ КУРСИ ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ МОЛИЯЧИЁН

Рӯзи 27 октябри соли равон дар ДДМИТ курси махсуси такмили ихтисос барои сардорону мудирони бахшу шуъбаҳои дастгоҳи марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз гардид.

Тавре ки дар ифтитоҳи он ректори донишгоҳ Шукрулло Хайрзода изҳор дошт, имрӯз ДДМИТ рейтинги худро дар байни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар устувор нигоҳ дошта, барои пешбурди самти молия ва иқтисод дар кишвар мусоидат менамояд. Ҳадафи асосии донишгоҳ омодасозии кадрҳои баландихтисос дар самти иқтисодиёт ва молия ба ҳисоб меравад.

Фарида Муъминова, муовини директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди шунавандагон дар мавзӯи «Рушди сармояи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҷанбаҳои миллӣ ва минтақавӣ» баромад намуд. Номбурда афзуд, ки Вазорати молия яке аз ниҳодҳои калидии кишвар буда, баланд бардоштани малака ва маҳорати кормандони он барои пешрафти ин соҳа хеле зарур мебошад.



Мавсуф, инчунин доир ба вазифаҳои асосии рушди сармояи инсонӣ дар давраи дарозмуддат ва афзалиятҳои он, рушди сармояи инсонӣ дар соҳаи ислоҳоти низоми маориф ва илм, таъмини саломатии аҳолӣ дар чорчӯбаи сифати зиндагӣ, таҳкими ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, коҳишдиҳии нобаробарии иҷтимоӣ ва ғайра иттилоъ дод.

Мавриди зикр аст, ки курси такмили ихтисос давоми ду моҳ бо иштироки беҳтарин коршиносону мутахассисони варзидаи соҳа дар донишгоҳ ҷараён мегирад. Тибқи барнома Ашурбой Солеҳзода, ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба масъалаҳои иқтисодӣ, Умед Давлатзода, дотсент, коршиноси масоили иқтисодӣ, Лутфулло Саидмуродов, директори Институти иқтисодиёт ва демографияи АИҶТ, Бразинскас Сигитас, коршиноси Иттиҳоди Аврупо ва дигарон дар назди шунавандагон дар давоми курсҳои кутоҳмуддат маърӯзаҳо хоҳанд кард.

**Насрулло ТӮЙЧИЗОДА**

Маҳфил

# ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ ВА ДУРНАМОИ ОН



Маҳфили навбатии «Коршиноси иқтисодӣ», ки санаи 27-уми октябр барпо гардид, ба мавзӯи «Таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ бо озуқавории баландсифат: ҳолат ва дурнамо аз нигоҳи коршинос» бахшида шуда буд. Дар маҳфил профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ Рустам Қудратов дар мавзӯи «Таъмини бехатарии озуқаворӣ ва рушди инноватсионии комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» маърӯза намуд.

Маҳфилро Ёрибек Тилабов, муовини сардори Раёсати илм ва инноватсия ифтитоҳ намуда, изҳор дошт, ки «Коршиноси иқтисодӣ» пас аз танаффус аз нав таҷдид ёфт ва минбаъд бо барномаҳои ҷолиб ва баррасии мавзӯъҳои мубрами самтҳои гуногуни иқтисодӣ кори худро пеш хоҳад бурд.

Профессор Р. Қудратов қайд намуд, ки барои таъмини рушди устувори миллӣ кишвар бояд аз хатарҳо эмин бошад. 17 ҳадафи асосии рушди устувор дар Стратегияи миллии рушди кишвар то давраи 2030 инъикоси худро ёфтаанд. Дастрасӣ ба ғизои хушсифат яке аз масъалаҳои мубрами ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Тоҷикистон имрӯз дар индекси рушди инсонӣ зинаи 169-умро соҳиб аст. Барномаи коркарди ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои солҳои 2012-2020 қабул гаштааст, барои расидан ба ҳадафҳои мақсаднок мусоидат менамояд.

- Мо 300 рӯзи офтобӣ дорем ва 57%-и обҳои минтақаи Осиёи Марказӣ аз Тоҷикистон сарчашма мегиранд. Ин нишондодҳо ба мо имкон медиҳанд, ки барои таъмини бештари амнияти озуқаворӣ тадбирҳои мушаххас андешем, - афзуд Р. Қудратов.

Мафҳуми «бехатарии озуқаворӣ» соли 1945 дар шаҳри Рим, дар яке аз ҷаласаҳои бонуфузи байналмилалӣ расман пайдо шуда, қобилияти давлатро дар истеҳсоли худии маҳсулоти озуқаворӣ ифода мекунад.

Дар поёни маҳфил музокирот сурат гирифт.

**Насрулло ТӮЙЧИЗОДА**

# ДОНИШҶӮЁН ЗИДДИ НАШЪАМАНДИЯНД





Бо ибтикори нуқтаи тиббӣ ва бо дастгирии раёсати корҳои тарбияи ДДМИТ санаи 25-уми октябри соли равон чорабинӣ дар мавзӯи «Нашъамандӣ ва зарари он» дар доираи иштироки васеи меҳмонон: Ҳайдаров Шералӣ, мутасаддӣ оид ба нашъамандӣ дар ноҳияи Фирдавсӣ, Файзуллозода Шамсия, лейтенанти хурди Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва устодону донишҷӯёни донишгоҳ баргузор гардид.

Саравҷал Абдулло Давлатзода, сардори раёсати корҳои тарбиявӣ суран ронда, паҳнкунандагону гирифторони ин зуҳуроти номатлуби ҷомеаи башарро маҳкум карда, ҳамаи ҷавонон ва муҳассилини муассисаро ба мубориза бар зидди нашъамандӣ даъват кард. Сипас ҳамшираи калони нуқтаи тиббӣ Меҳрона Ҳакимова дар мавзӯи «Нашъамандӣ ва зарари он» баромад намуда, ба ҳозирин аз оқибатҳои зараровар ва марговари ин беморӣ сухан ронд. Номбурда таъкид кард, ки ин бемориро «марги сафед» низ меноманд. Мавсуф аз мушкилот ва афзудани теъдоди гирифторони нашъамандӣ дар ҷаҳон, ки ба проблемаи глобалӣ табдил ёфтааст, изҳори нигаронӣ намуд. Дар идомаи чорабинӣ Халифазода Ҷовидон дар мавзӯи «Нашъамандӣ-вабои аср» баромад карда, доир ба қочоқи маводи мухаддир аз Афғонистон ба кишварҳои Осиёи Миёна, Россияю Аврупо ва муборизаи ҷомеаи ҷаҳонӣ бар зидди нашъамандӣ маълумот дод.

Дар идома Файзуллозода Ш. баромад карда, қайд намуд, ки муолимоти ғайриқонунии маводи мухаддир масъалаи муҳими байналмилалӣ буда, он бо ҷиноятҳои муташаккили трансмиллӣ, тиҷорати силоҳ, хариду фурӯши одамон, терроризм алоқаманд аст ва ба суботу амният ва рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар маҷмуъ ба кишварҳои ҷаҳон таҳдид менамояд.

- Соли 2017 дар ҷумҳурӣ 22 ҳазору 18 ҷиноят ба қайд гирифта шуд, ки аз ин шумора 820-тои он вобаста ба маводи мухаддир аст,– таъкид дошт Файзуллозода Ш.

Дар охир, баҳри дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ҷавонмардӣ тарбия кардани ҷавонон аз ҷониби донишҷӯён барномаи фарҳангию тарбиявӣ намоиш дода шуд.

**Нуралӣ РАҲИМЗОДА**

# РЕЙТИНГ ТАЪСИРБАХШ АСТ, АГАР ...

Дар асоси низоми таҳсилоти кредитӣ дар ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як нимсола донишҷӯён ва магистрантон ду маротиба, пас аз ҳашт ҳафта, санҷиши фосилавӣ месупоранд.

Усули санҷиши фосилавӣ, ки чун низоми санҷидашуда дар муассисаҳои олии кишварҳои ҷаҳон маъмул аст, дар низоми таҳсилоти муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷорӣ карда шудааст. Дар ДДМИТ низ чун яке аз муассисаҳои пешқадам дар самти омодасозии кадрҳои соҳаи иқтисод ва молия ин низоми санҷиш чанд соли охир дар амал татбиқ гардида, натиҷаҳои қаноатбахш ба бор овардааст.

Мувофиқи тақвими академӣ дар ДДМИТ барои соли таҳсили 2018-2019 рейтинги якум барои ҳамаи ихтисосҳои курсҳои аз 1 то 4 ва магистрантон аз 20 то 26 октябр гузаронида шуд. Вобаста ба ин мо бо донишҷӯёни курси якуми донишгоҳ, ки бори аввал рейтинг супориданд, пурсиш гузаронидем:

**Миралӣ Ибрагимов, донишҷӯи курси 1, ихтисоси идораи давлатӣ ва маҳаллии факултети иқтисод ва бизнес:**

- Хеле хуб аст, ки имрӯз дар донишгоҳ системаи кредитӣ роҳандозӣ шудааст. Ҳар як донишҷӯ вобаста ба таври фаҳмишу дарки худ аз ин низом истифода мебарад. Баргузории ҳафтаи рейтингӣ дар донишгоҳ низ яке аз роҳҳои хуб такмил ва ин-



кишоф додани дараҷаи саводнокист. Рейтингҳо шаффоф ва бе истифодаи шпаргалка (маводи ёрирасон) мегузаранд. Зеро дар вақти санҷиш дар болои мизи донишҷӯ ба ҷуз ручка ва саволномаи тестӣ чизи дигар истифода бурдан мумкин нест.

**Лайло Саидова, донишҷӯи курси 1, ихтисоси идораи давлатӣ ва маҳаллии факултети иқтисод ва бизнес:**

- Санҷиши фосилавӣ низоми муосири санҷиши донишҷӯён аст. Аз баргузории чанд рейтинг дар гурӯҳамон хулоса баровардам, ки ин барои донишҷӯён осон ва фаҳмост. Зеро ҳамаи саволҳо дар доираи мавзӯъҳои гузаштаи омӯзгори фан тартиб дода шудаанд ва барои иҷроиши он вақти кофӣ дода мешавад. Ҳар донишҷӯе, ки дар ҳашт ҳафта хуб фанро аз худ кардааст, барояш супоридани рейтинг он қадар мушкил нест.

**Ҷаҳонгир Хидирзода, донишҷӯи курси 1, ихтисоси иқтисоди ҷаҳони факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ:**

- Бори аввал рейтинг супоридан бароямон каме таҳлука дошт. Вале дидем, ки донишҷӯи қобилиятнок бе ягон душворӣ аз санҷиш мегузарад. Зеро ҳамаи саволномаҳо дар доираи дарси гузаштаи устодон тартиб дода шудаанд. Дар баробари ин рейтинг дониши толибилмро натиҷагирӣ ва фаъолонро муайян мекунад. Ҳеҷ як донишҷӯ наметавонад аз маводи ёрирасон истифода барад, чун назорат дар рафти рейтинг қатъист ва ин барои шаффоф гузаштани санҷиш кумак мерасонад.

**Абдураҳмон Раҳматов, донишҷӯи курси 1, ихтисоси иқтисоди ҷаҳони факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ:**

- Гузаронидани рейтинги фосилавӣ тариқи хаттӣ хуб аст. Аммо чун асри технологияи муосир аст, роҳандозӣ кардани раванди баргузории санҷишҳо тариқи электронӣ боз беҳтар мешуд. Албатта, донишгоҳ ин имкониятро дорад.

**Сатторзода Нисо, донишҷӯи курси 1, ихтисоси иқтисоди ҷаҳони факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ:**

- Чун аз супоридани чанд рейтинг аз фанҳои таълимӣ хулоса кардам, ки барои донишҷӯи аълохон мушкилие пеш намеояд. Баъзе камбудиҳои ҷузъиро низ дар матни тестҳо дидем, аммо ин монеа буда наметавонад. Умуман, ин низом талаботи замони муосир ва системаи таҳсилоти байналмилалист. Бинобар ин моро мебояд танҳо кӯшиш ва талоши зиёд барои хондан кунем.

**Аз пурсиши мо маълум гардид, ки супоридани рейтинг ба манфиати донишҷӯст. Ҷиҳати хубиаш дар он аст, ки донишҷӯ баъди ҷамъбасти ҳар як рейтинг аз натиҷаи бадастовардааш хулоса менамояд ва кӯшиш мекунад қафо намонда, холҳояшро баландтар кунад. Аз тарафи дигар, агар донишҷӯ ду рейтингро бо баҳои баланд супорад, он гоҳ дар ҷамъбасти нимсола аз имтиҳон натиҷаи дилхоҳ ба даст меорад. Баргузории рейтингҳо ва натиҷагирӣ, меъёри баҳогузориро риоя намудаю баҳои воқеӣ гузоштан яке аз вазифаҳои виҷдонии ҳар як омӯзгор аст. Дар баробари ин ҳавасманд кардани донишҷӯёни фаъол барои дилгармӣ ва ҷӯёии онҳо зарур аст.**

**Аз ҷамъбасти андешаҳои донишҷӯён хулоса кардан мумкин аст, ки рейтинг он вакт таъсирбахш аст, агар он воқеӣ сурат гирад.**

**Нуралӣ РАҲИМЗОДА**

**Дар Душанбе Намоишгоҳи ҳаштуми байналмилалии «Китоби Душанбе» ва кинолфестивали байналмилалии «Дидор» доир гардид.**

# РОҒУН - ИНШООТИ БУЗУРГИ АСР

Имрӯзҳо дар сохтмони иншооти бузурги аср – бунёди Нерӯгоҳи барқии обии Роғун кор бо чӯшу хурӯш идома дорад. Намояндагони тамоми минтақаҳои Тоҷикистон дар бунёди ин нерӯгоҳ заҳмат мекашанд. Шахсоне, ки дар ин иншоот меҳнат мекунанд, бемуҳобот, қаҳрамонони арсаи бунёдгузорӣ ба ҳисоб мераванд, зеро ин шахсиятҳо бо заҳмату талошҳои шабонарӯзӣ меҳоҳанд фидокорию садоқати худро ба Пешвои миллат ва Ватани азизамон собит созанд. Аз он ки рӯзҳои наздик агрегати якуми он ба истифода дода мешавад, тамоми аҳли ҷомеаи тоҷикон хушбахту мамнунанд. Бо оғози фаъолияти ин нерӯгоҳи бузург истиқлолияти энергетикии мамлакат ва дар заминаи он рушди иқтисодиёти кишвар устувор ва амалӣ мегардад.

Албатта, дар сохтмони ин иншооти бузурги гидроэнергетикӣ саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хеле бузург ва назаррас аст. Зеро маҳз бо талошу заҳмат ва дастуру ҳидоятҳои пешбарандаи Пешвои муаззами мо сохтмони Нерӯгоҳи барқии обии Роғун сурат гирифт. Ду сол пеш Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон худ савори булдозери вазнин маҷрои дарёи Вахшро баста, ба бунёди сарбанди Нерӯгоҳи барқии обии Роғун, ки барои мардуми Тоҷикистон ҳаёту мамот ҳисоб мешавад, ҳусни оғоз бахшиданд. Ин амали Сарвари давлат аз фидокорию заминӣ будани Пешвои миллатамон ва ба сохтмони ин иншоот таваҷҷуҳи хоса доштани эшон далолат мекунад.

Мавриди зикри хос аст, ки дар даврони соҳибистиқлолии мамлакат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба хотири таъмини зиндагии шоиста барои мардуми шарафманди тоҷик се самти асосию стратегиро дар сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карданд, ки бо татбиқи пурраи онҳо Тоҷикистон ба яке аз кишварҳои пешрафтаву аз бисёр ҷиҳат тараққикарда мубаддал мегардад, ки яке аз онҳо расидан ба амнияти энергетикӣ мебошад. Дар доираи амалисозии ин иқдоми бузург тадбирҳои зиёде андешида шудаанд, аз ҷумла ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ. Чунончи, баъди расидан ба истиқлолияти сиёсӣ дар Тоҷикистон пуриктидортарин лоиҳаи энергетикӣ - Нерӯгоҳи барқи обии Сангтӯда - 1 (бо сармоягузории Русия) сохта, ба истифода дода шуд. Иқтидори он 670 ҳазор киловатт буда, соле то 1 миллиард киловатт қувваи барқ истеҳсол мекунад. Бо дастгирии молиявӣ ва техникии Ҷумҳурии Исломии Эрон бошад, бунёди НБО-и Сангтӯда -2 (иқтидораш 220 ҳазор киловатт) ба анҷом расид, ки ин ду нерӯгоҳ баъди аз шабакаи энергетикии Осиёи Марказӣ ҷудо гаштани Тоҷикистон шиддати камбудии барқро дар кишвар хеле коҳиш доданд.



Ҳамин тавр, дар заминаи сиёсати амиқи энергетикии Президенти мамлакат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ шудани нақшаҳои муҳими энергетикии кишвар масъалаи норасоии неруи барқ дар солҳои наздик яқин пурра ҳал мегардад.

Табиист, ки рушди иқтисодӣ бе иқтидори баланди энергетикӣ имконнопазир аст. Фаъолияти тамоми соҳаҳои замони муосир ба қувваи барқ вобастагии сахт дорад. Тибқи маълумоти Агентии байналмилалии энергетика, то соли 2030 талабот ба захираҳои энергетикӣ нисбат ба соли 2006 50 фоиз меафзояд.

Мусаллам аст, ки сохтмони нерӯгоҳҳои хурду бузург дар кишвар барои таъмини истиқлолияти энергетикӣ мусоидат мекунанд, аз ҷумла Нерӯгоҳи барқи обии Роғун. Ин нерӯгоҳ аз 6 чарха иборат буда, иқтидори ҳар кадом 600 мегаваттро ташкил медиҳад. Сарбанди нерӯгоҳи Роғун бо баландии 335 метр баландтарин садди заминӣ дар ҷаҳон ба ҳисоб рафта, бо иқтидори 3600 мегаватт (беш аз 17 миллиард киловатт-соат) калонтарин нерӯгоҳи барқи обӣ дар минтақа хоҳад буд. Ин рақам нисбат ба иқтидори истеҳсолии Нерӯгоҳи барқи обии Норак якуним баробар зиёд аст. Барқи аз ҷиҳати экологӣ тозаи нерӯгоҳ имконият медиҳад, ки эҳтиёҷоти ба барқ доштаи Тоҷикистон комилан қонеъ гардида, он барои инкишофи иқтисодиёти кишвар ва минтақа такон бахшад, яъне шароит фароҳам меорад, ки ба кишварҳои ҳамсоя, аз ҷумла, ба Афғонистон ва Покистон барқ содирот гардад.

Ҳамин тавр, мо, ҷавонон ба сохтмончиёни ин иншооти бузурги аср сано хонда, боварии комил дорем, ки бо чунин ташаббусу фидокории мардуми тоҷик метавонад дар муддати наздик агрегатҳои дигарро низ ба кор андозад ва Тоҷикистонро чароғон ва иқтисодиёташро пешрафта кунад.

**Ҷонибек ЗУБАЙДОВ,**
**эдвайзер оид ба таълими факултети МИБ**

# СОҲИБКОРӢ – МУҲАРРИКИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТ

Дар иқтисоди бозорӣ соҳибкорӣ нақши муҳим дошта, рушди он нишондиҳандаи муваффақияти ислоҳоти иқтисодӣ ба шумор меравад. Бо назардошти муҳиммияти бахши соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ ҳамасола дар арафаи Рӯзи соҳибкорон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо соҳибкорон мулоқот намуда, самтҳои асосии фаъолияти соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузориро дар мамлакат мавриди таҳлили амиқ қарор медиҳанд. Ҳукумати Тоҷикистон ба рушди соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар кишвар таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд ва ташаббускори ҳалли масъалаҳои марбут ба дастгирии соҳибкорӣ мебошад.

Мусаллам аст, ки фаъолияти соҳибкорӣ дар беҳсозии сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ тавассути таъмини рушди устувори иқтисодӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ ва шуғли аҳолӣ, ба роҳ мондани истеҳсолоти ватанӣ мусоидат намуда, муҳим арзёбӣ мегардад. Соҳибкорӣ ба навовариҳои илму техника, тағйироту талабот ва вазъи бозори ҷаҳониву минтақавӣ ба зудӣ мутобиқ шуда, дар ин замина ба роҳ мондани истеҳсолоти маҳсулоти рақобатпазирро таъмин менамояд.

Тавре маълум аст, муҳаррики асосии пешбарандаи иқтисоди миллӣ рушди бахши хусусии ҷумҳурӣ мебошад. Рушди бахши хусусӣ ва соҳибкорӣ, инчунин бунёд ва устувории асосҳои конунии он яке аз самтҳои афзалиятноки ислоҳоти иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Беҳуда нест, ки ба сифати яке аз афзалиятҳои асосии рушди кишвар дар Стратегияи милии рушд то давраи солҳои 2030 маҳз дастгирии соҳаи соҳибкорӣ ва шароити мусоиди сармоягузорӣ дар ин ҷода муайян гардидааст. Азбаски рушди ин бахш, аз ҷумла соҳибкорӣ, яке аз самтҳои муҳими сиёсати иқтисодӣ ба ҳисоб меравад, доир ба тақвияти шарикии давлат бо бахши хусусӣ, дастгирии давлатии соҳибкорӣ, содагардонии расмиёти бақайдгирии соҳибкорӣ ва танзими фаъолияти иҷозатдиҳӣ корҳои назаррас анҷом дода шудаанд.

Дар натиҷаи ислоҳот ва тадбирҳои амалигардида шумораи субъектҳои соҳибкорӣ дар семоҳаи аввали соли ҷорӣ ба 292 ҳазор расидааст. Солҳои охир, саҳми бахши хусусӣ дар иқтисодиёти Тоҷикистон бештар ба чашм мерасад. Ҳиссаи ин бахш дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ қиёсан бо 30 фоизи соли 2002 ва то 70 фоизи соли 2017 афзуда, назар ба панҷ сол пеш 12 банди фоизӣ зиёд гардидааст. Ин нишондиҳанда дар давлатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ рушдёфта хеле баланд аст ва 70 фоизро ташкил дода, сатҳи рушди иқтисодиёт ва сатҳи некуаҳволии аҳолиро нишон медиҳад.

Аслан рушди соҳибкорӣ афзалиятҳои муҳими зиёде дорад, ба мисли афзудани шумораи соҳибмулкон, пайдо намудани шахсиятҳои нисбатан фаъол ва қобили меҳнат, ки барояшон соҳибкории хурд мактаби аввалини худтатбиқкунӣ ба ҳисоб меравад. Инчунин ташкили ҷойҳои нави корӣ бо сарфи харҷи камтари харочот, махсусан дар соҳаи хизматрасонӣ, бо шуғл фаро гирифтани нафароне, ки дар бахшҳои давлатии иқтисодӣ аз корашон озод карда шудаанд, инчунин намояндагони табақаи ниёзманди иҷтимоӣ (маъюбон, ҷавонон, занон), ҷорӣ намудани навгониҳои технологӣ ва техникӣ низ аз афзалиятҳои инкишофи ин самт мебошад. Беҳтар гардидани муносибатҳо байни бахшҳои гуногуни иқтисодӣ низ яке аз бартариятҳои рушди соҳибкорӣ махсуб мегардад.

Албатта, барои инкишофи бемайлони соҳибкорӣ як қатор ислоҳотҳои иқтисодӣ ҷорӣ карда шудаанд. Яке аз ислоҳоти муҳим ин содагардонии тартиб ва қоидаҳои гумрукӣ ҳангоми гузаронидани амалиётҳои воридотию интиқолӣ ва транзити молу маҳсулот мебошад, ки дар ин замина Кодекси гумрукӣ такмил ёфта, системаҳои «Истгоҳи ягона» ва «Равзанаи ягона» барои расмигардонии амалиётҳо ҷорӣ гардидаанд.

Вале новобаста ба дастгириҳои давлату Ҳукумати кишвар ва роҳандозии ислоҳоту дигар тадбирҳои созанда дар самти фароҳам овардани фазои сармоягузории мустаҳкам ва дастгирии соҳибкорӣ ҳанӯз баъзе монеаҳо ба назар мерасанд. Яъне, амалисозии як қатор корҳо барои бартараф сохтани мушкилии соҳибкорон талаби ҷиддӣ мебахшад. Инҳо кам кардани монеаҳои маъмурӣ ва ташкили инфрасохтор, таъсиси бизнес - инкубаторҳо, пурзӯр кардани ҳуқуқҳои молумулкӣ ва рушди рақобат, таъсиси ниҳод оид ба ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон, ҳамчунин истифодаи механизми шарикии давлат бо бахши хусусӣ ва дастгирию ҳавасмандии истеҳсолкунандагон ва содиркунандагони молҳои ватанӣ мебошанд.

Тавре маълум аст, дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 гузариш аз иқтисодиёти аграриву саноатӣ ба саноативу аграрӣ ҳадафи асосӣ ва шакли фаъолияти иқтисоди миллӣ дар дурнамо интихоб шудааст ва барои расидан ба ин мақсад роҳандозии тадбирҳои дар боло овардашуда ва ташкили фазои озоди сармоягузорӣ барои соҳибкорони ватанию хориҷӣ зарур аст. Зеро асоси иқтисодиёти индустриалиро истеҳсолот ташкил медиҳад ва он муҳаррики рушди иқтисодиёти миллӣ махсуб меёбад.

**Сурайё ТИЛАКМУРОДОВА,**
**Рухсора ШАРИПОВА,**
**устодони кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ**



## БАРРАСИИ МАНФИАТҲОИ ИҚТИСОДИИ БЕРУНАИ КИШВАР

Тахти ин ном санаи 22-юми октябр дар кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон ва тиҷорати байналмилалии факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ семинари илмӣ-назариявӣ баргузор гардид.

Дар семинар устоди кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон ва тиҷорати байналмилалӣ Қамар Шодиев дар мавзӯи «Манфиатҳои берунииқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» баромад намуд. У зимни баромад оид ба роҳҳои ҳамоҳангсозии манфиатҳои иқтисодии ҷумҳурӣ бо кишварҳои дорои иқтидори бузурги иқтисодӣ, таъмини бехатарии иқтисодӣ, оқилона воридшавӣ ба гурӯҳҳои интегратсионӣ ва ҷалби самараноки сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти Тоҷикистон гуфта гузашт.

Гуфта шуд, ки барои таҳкими мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми иқтисодиёти ҷаҳон ва ҳимояи манфиатҳои иқтисодии кишвар дар майдони бархӯрди манфиатҳо байни кишварҳои дорои иқтисодиёти тараққикарда ва рӯ ба тараққӣ Тоҷикистон бояд як қатор стратегияҳоро пеша кунад, аз қабили: ҷалби сармоягузориҳои мустақим ба соҳаҳои саноати коркард; сиёсати воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда; шомилшавӣ ба ҳамгироии ЕАЭС бо принсипи баробарҳуқуқӣ; сиёсати оқилонаи муҳоҷирати меҳнатӣ ва диверсификатсияи он; устувор намудани қурби асъори миллӣ; азхудкунии технологияҳои муосир дар соҳаи истеҳсолоти моддӣ ва ғайра.

Дар анҷом байни маърӯзачӣ ва устодону донишҷӯён музокира сурат гирифт.

**Нуралӣ РАҲИМЗОДА**

**Дар Форуми байналмилалии соҳибкории Душанбе-2018 13 санади ҳамкорӣ байни соҳибкорону сармоягузорон ба имзо расонида шуд.**

# ТААССУРОТИ ОЛИМОНИ ҚИРҒИЗ АЗ ДДМИТ

**Боиси фараҳ аст, ки робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо муассисаҳои таҳсилоти олии кишварҳои хориҷи дуру наздик торафт густариш ва тавсеа меёбад. Аз оғози соли таҳсили 2018-2019 гурӯҳи устодону донишҷӯён аз Донишгоҳи техникии Екибастузи Ҷумҳурии Қазоқистон ба донишгоҳи мо ташриф оварда, як моҳ таҷриба омӯхтанд.**

**Ин навбат ба таълимгоҳ як гурӯҳ олимон аз Донишгоҳи давлатии Оши Ҷумҳурии Қирғизистон дар ҳайати 6 нафар - Абдыкадыров Санжар, Токоева Ажара, Абдилайип уулу Омурбек, Ташиев Нияз, Абдылакимова Бегай, Раджапова Назгул ташриф оварданд. Ин ҳайати омӯзгорону профессорони бонуфузи соҳаи иқтисод ва фанҳои ҷамъиятшиносӣ аз 23 то 28 октябр дар доираи барномаи мубодилаи устодон бо фаъолияти таълимӣ ва илмии ДДМИТ ошно хоҳанд шуд. Мо бо роҳбари гурӯҳ Абдыкадыров Санжар, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи бизнес-информатика ва математика дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии Ош ҳамсуҳбат шудем, ки дар зер фишурдаи онро меорем.**



- Бори аввал аст, ки ба Тоҷикистон, ба ин кишвари ҳамсояи қарин ва ҳамҷавору дӯст омадам. Аз меҳмоннавозию муомилаи хушу лутфи беандозаи халқи тоҷик хеле мамнунем. Бояд гуфт, ки халқҳои қирғиз ва тоҷик аз азал бо ҳам аз рӯи анъана ва расму таомул хеле наздиканд ва инро мо дар вақти будубошамон дар ин кишвари офтобрӯя эҳсос кардем. Таомҳои миллии тоҷикон ба мо хеле писанд омад ва аз маҳорати баланди пазандагии ин мардум шаҳодат медиҳанд ва бозгӯи тамаддуни қадима ҳастанд.

Меъмории хеле зебо ва аҷиби шаҳри Душанбе ҷолиб буда, аз диди баланд ва созандагии роҳбарияти шаҳр далолат мекунад. Ҳамчунин тамошои Осорхонаи миллии Тоҷикистон ва Қалъаи Ҳисор низ ба мо як ҷаҳон маънӣ бахшид.

Аз рӯзе, ки дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон қарор дорем, моро ректори таълимгоҳ муҳтарам Ҳайрзода Ш.Қ. ва муовини ректор оид ба равобити байналмилалӣ Қодиров Ф. ва дигар устодон хеле хуш қабул карданд. Дар гурӯҳи русии ихтисоси информатика дар иқтисодиёт аз фанни иқтисодиёти рақамӣ дарс гуфтам. Гуфтан мумкин аст, ки донишҷӯёни тоҷик низ мисли донишҷӯёни мо барои доништалабӣ ва тавсеаи ҷаҳонбинии худ кӯшиш менамоянд. Ба бар кардани либоси ягонаи расмии донишҷӯён бисёр зебанда ва фарҳанги баланди мардумро баён мекунад. Базаи моддию техникии донишгоҳ ва иқтидори зеҳнии он хеле пурқувват буда, барои омодакунии кадрҳои ихтисосманд басанда аст. Донишгоҳ ба ҷавонии худ нигоҳ накарда, ба як қатор дастовардҳо ноил гардидааст ва мушоҳида мешавад, ки ин муваффақиятҳо натиҷаи фаъолияти пурсамари ҳайати профессорону омӯзгорон буда, минбаъд ҳам идома меёбанд.

Бояд ёдовар шуд, ки ҳамкориҳои мо бо ДДМИТ чандин вақт аст, ки идома дорад. Ташкили Шӯрои дифои муштараки Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии Ош, ки дар он чанд тан аз олимони ҷавони ДДМИТ низ рисолаи номзадӣ ҳимоя кардаанд, яке аз дастовардҳои беҳтарин дар ҷодаи ҳамкориҳои илмии байни муассисаҳои таълимии ду кишвар мебошад. Ин ҳамкориҳо имрӯз ҳам идома дорад ва устоди донишгоҳ Суннатулло Нуриддинов чанде пеш дар донишгоҳи мо муҳокимаи қаблии рисолаи номзадии худро бомуваффақият гузашт.

Дар бораи Донишгоҳи давлатии Ош гуфтаниям, ки он 80-сола мешавад ва дар он зиёда аз 28 ҳазор донишҷӯ аз рӯи 80 ихтисос таҳсили илм доранд. Дар донишгоҳ гурӯҳҳои таълим ба забони англисӣ, олмонӣ ва хитоӣ низ амал мекунанд. Ҳамзамон зинаи таҳсилоти MBA фаъолият дорад. Аз рӯи рейтинги муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Қирғизистон Донишгоҳи давлатии Ош сазовори ҷои якум гардидааст ва боварӣ дорем, ки ДДМИТ низ ба ин мартаба мерасад.

Аз фурсат истифода бурда, ба ректори ДДМИТ ва ҳамаи устодону кормандони ин таълимгоҳ барои қабули хушу меҳмоннавозӣ изҳори миннатдорӣ менамоем ва умед дорем, ки ҳамкориҳои мо минбаъд низ дар арзҳои гуногун тавсеа ва идома хоҳанд ёфт.

**Мусоҳиб**
**Машҳура АБДУЛЛОЕВА**

# ТАРБИЯИ ИНТИЗОМИ ИСТЕҲСОЛӢ ВА ВАЗИФАШИНОСӢ
## - гарави пешрафт ва маҳсулнокии меҳнат

**(Давомаш, аввалаш дар шумораи гузашта)**

Мусаллам аст, ки шахси дар дараҷаи зарурӣ тарбияи интизоми истеҳсолӣ ва вазифашиносӣ надошта, аввал ба худаш, оилааш, ва ба он соҳае, ки фаъолият мебарад, зарари ҷиддӣ мерасонад, бар зимми ин, ба давлат ва ҷомеа низ зиён меоварад. Дар тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон интизоми истеҳсолӣ ва вазифашиносӣ гарави ҳамаи муваффақиятҳои ӯ буда метавонад.

Фаразан, дар корхонае сардор ё умуман, роҳбар бо ягон сабаби ҳадафманд дар ҷойи кор ҳозир нест, ё ба ҷое даъват мешавад. Дар ин муддат кормандоне, ки дар иҷрои уҳдадориҳои ба зиммабудаашон беэътиноянд, аз худ саҳлангорӣ зоҳир намуда, ба фаъолияти бесамар даст мезананд, ки чунин тарзи муносибат ба кор натиҷаи дилхоҳ ба бор намеорад.

Инро ҳам бояд гуфт, ки баъзан аз сӯи иҷрокунандагон на суръати иҷроиш тезонида мешаваду на аз ҷониби мақомот ё сохтори роҳбарият назорати сариваќтии он. Ҳол он ки иҷрои қонуну қоидаҳои амалкунанда, ки бевосита ба ин ё он соҳа иртибот доранд, бояд дар сатҳи даркорӣ таъмин карда шаванд, вале дар ин самт ҳам бесалоҳиятию беэътиноӣ дида мешавад. Ҷое, ки дар амалу фаъолият бесарусомониву бетартибӣ ҳукмфармост, он ҷо ягон кор ва натиҷаи дилхоҳро интизор шудан нашояд.

Роҳбари вазифашинос ҳамин нуктаро низ бояд ба назар гирад, ки «ба чашмаш хок напошанд», зеро чунин кирдор одати кормандони бесалоҳият ва бемасъулият шудааст. Дар ин ҳолат, тавсия дода мешавад, ки роҳбар, новобаста аз сатҳаш, бояд ҳам бовар кунад ва ҳам санҷад, ки то чӣ андоза риояи интизоми истеҳсолӣ ва вазифашиносӣ дар корхона таъмин мегардад.

Интизоми истеҳсолӣ ва вазифашиносӣ дар муассисаҳои таълимӣ, махсусан дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ чӣ гуна ва дар кадом сатҳ амалӣ мешавад?

Дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ баробари шӯрои олимон, чун мақомоти олии роҳбарикунанда, инчунин раёсат ва шӯрои илмию методӣ баргузор мешавад, ки дар ҳар ҷаласаи онҳо аз рӯйи масъалагузорӣ қарорҳои дахлдор қабул менамояд. Гоҳо қарорҳо ё иҷро намешаванд, ё иҷроишашон ба таъхир меафтад ва натиҷааш ин мешавад, ки масъалаҳо такрор ба такрор дар рӯзномаи ҷаласаҳои минбаъда ҷой дода шуда, дигарбора мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Интизоми истеҳсолию вазифашиносии омӯзгорон дар фаъолияти педагогӣ, асосан дар таълиму тарбия, ки раванди бисёр мураккаб аст, зоҳир мегардад. Онро метавон махз аз тарзи дарсгузарӣ ба самаранокии дарс баҳо дод.

Дар муассисаҳои таълимӣ ба ҷуз омӯзгорон, ки бевосита ба таълиму тарбияи муҳассилин сару кор доранд, ҳамзамон як қатор сохторҳои воҳидӣ низ амал менамоянд, ки дар он мутахассисон фаъолият мебаранд. Ҳар кадом сохтор масъул, мутасаддӣ ё худ роҳбаре доранд, ки аз рӯи низомнома ва дастурамали вазифавӣ кори соҳаро ба роҳ мемонад ва бевосита дар пешрафти воҳиди муассиса ҷойи зарурии худро ишғол менамояд. Интизоми истеҳсолӣ ва вазифашиносии онҳоро дар сохторҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки он ҷо воҳидҳои кории ёрирасон зиёданд, мавриди назар қарор медиҳем.

Тавре зикр рафт, фаъолияти ҳар мутахассис тавассути дастурамали вазифавӣ, фармоиши роҳбарияти муассиса ва қонунҳои амалкунанда дар кишвар ба роҳ монда мешавад ва тибқи талабот вазифаҳои бауҳдадоштаашонро иҷро менамоянд. Яке дар сатҳи зарурӣ, дигаре мувофиқ ба дарку фаҳмиш, сеюмӣ бошад, ба қавле, «аробаашро базӯр мекашад» (аз камдонишӣ ва бесалоҳиятӣ). Аммо дар гирифтани музди меҳнат, якумию дуюмию сеюмӣ, новобаста ба иҷро ва сифату дараҷаи интизоми истеҳсолӣ, баробаранд.

Ҳастанд роҳбарони кордону ботаҷрибае, ки чунин ҳолатро пай бурда, роҳҳои ҳалли ин масъалаҳоро меёбанд, масалан, бо роҳи ҳавасмандсозӣ ҷорӣ намудани музди маоши тафриқавӣ, мукофотпулӣ, дастгириҳои моддӣ, сарфарозгардонӣ бо ифтихорномаҳо ва ғайра. Албатта, ин хуб аст ва натиҷаи дилхоҳ ҳам медиҳад, кормандро дилгарм месозад, муваффақиятро дар кор ва пешрафтро ба вуҷуд меорад.

Ногуфта намонад, ки коста будани интизоми истеҳсолӣ (иҷронамоӣ) ва вазифашиносӣ метавонад дар миёни аҳли меҳнат низоъро ба вуҷуд орад.

Хотиррасон менамоем, ки Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 марти соли 2006 бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст ва он аз 18 унсури таркибии тарбия иборат аст. Мутаассифона, дар ин ҳуҷҷати муҳим дар бораи тарбияи интизоми истеҳсолӣ ва вазифашиносӣ чизе гуфта нашудааст. Дар ҳоле, ки моҳият, мақсаду вазифа ва мазмуни тарбияи миллӣ ташаккули шахсияти инсони комил мебошад ва ин тарбияи пешниҳодкардаи мо метавонад ҳамчун ҷузъи таркибӣ дар ин раванд хидмат кунад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои зикршуда, зарурат ва муҳим будани тарбияи интизоми истеҳсолӣ ва вазифашиносӣ ва дар ин замина тарбия ва ташаккули тафаккури муҳассилин, ки ба дастёбӣ ба комёбиҳо дар истеҳсолот ва пешрафти ҷомеа асос мегардад, пешниҳод менамоем, ки:

- тарбияи интизоми истеҳсолӣ ва вазифашиносиро дар ҳамаи муассисаҳои таҳсилотӣ ба роҳ монда, дар дарсҳои тарбиявӣ ва раванди дигар машғулиятҳои таълимӣ моҳияти он ба муҳассилин фаҳмонида шавад.
- дар корхона ва муассисаҳои истеҳсолӣ аз рӯйи тарбияи интизоми истеҳсолӣ (иҷронамоӣ) ва вазифашиносӣ назорати қатъӣ бурда шавад.
- дар давраи гузаштан аз муҳлати озмоишӣ дар кадом сатҳ қарор доштани тарбияи интизоми истеҳсолӣ ва вазифашиносии корманд аз тарафи масъулин муайян карда шавад.
- бо ҳар тарзу усул ва тавассути методҳои гуногун (мушоҳида, назорат, санҷиш, анкета, саволнома, пурсиш, тест ва ғайра) интизоми истеҳсолӣ ва вазифашиносии корманд санҷида шавад.
- дар сурати аз нав таҷдиди назар ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (3 марти соли 2006 бо Қарори Ҳукумати ҶТ) тарбияи интизоми истеҳсолӣ ва вазифашиносӣ ҳамчун унсури таркибии муҳимми тарбияи миллӣ ба он шомил карда шавад.

**НОСИРОВ С.Ш.,**
**номзади илмҳои педагогӣ, дотсент**

**Дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ то ҷашни 30-солагии истиқлолият қариб 18 900 иншооти нав бунёд мегарданд.**

# МАНИЖА: «ЯГОН КОРИ ҒАЙРИИМКОН НЕСТ»



Манижа Гулмадзода, донишҷӯи курси 3, факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодӣ буда, дар ихтисоси танзими ҳуқуқи молия ва қарз таҳсил дорад. Ӯ барои хониши аъло ва ахлоқи намунавиаш дар қатори толибилмони фаъоли дигар дар соли таҳсили 2018-2019 гирандаи стипендияи президентӣ эълон гашт.

Манижа дар оилаи омӯзгор, дар деҳаи Иқболи ҷамоати Турдии ноҳияи Ҳамадонӣ ба дунё омадааст. Хатмкардаи мактаби № 29 мебошад. Азбаски дар оила фарзанди калонист, ба ҷуз хониши намунавӣ дар корҳои хоҷагӣ ба волидон кумак мерасонид. Инчунин додару хоҳарчаҳои худро барои таҳсили аъло раҳнамоӣ мекард. Ҳоло новобаста аз он ки ӯ дар пойтахт аст, пайваста бо онҳо тамос гирифта, аз таҳсилашон пурсон мешавад.

- Аслан мехостам ҳуқуқшинос шавам, - мегӯяд Манижа. Вале тақдир маро ба ДДМИТ овард. Дар интихоби сеюмам ба ихтисоси танзими ҳуқуқии молия ва қарз (шакли буҷавӣ) гузаштам. Ҳоло пушаймон нестам, ки ба ҳамин донишгоҳ омадам ва дар ин ришта таҳсили илм дорам. Зимни мактабхонӣ дар олимпиадаҳои ноҳиявӣ ва вилоятӣ аз фанни математика пайваста ширкат варзида, сазовори ҷойҳои намоён мегаштам. Устодон бароям тавсия медоданд, ки риёзидон шавам. Аммо бароям кашфи илми ҳуқуқ шавқовартар буд.

Ба андешаи Манижа, дар таълимгоҳ тамоми шароитҳо фароҳам буда, устодони беҳтарин барои донишандӯзии шогирдон кӯшиши худро равона сохтаанд. Ҳамчунин садорати факултет ва Раёсати тарбия донишҷӯёни фаъолро дастгирӣ менамоянд ва ёрии пайвастаи худро дареғ намедоранд, ки ин барои фаъолияти беҳтар такон мебахшад.

- Донишҷӯӣ, воқеан ҳам, давраи тиллоист. Вале на ҳама онро самаранок истифода мебарад. Ин айёмест, ки мо бояд ҷаҳонро шиносем ва дигарон моро шиносанд. Чӣ хеле ки бузургон гуфтаанд, дар ҷавонӣ ниҳоле шинон, ки дар пирӣ он соябони ту бошад. Мутаассифона, ҳамсолони мо аз вақт пурмаҳсул истифода бурда наметавонанд - мегӯяд Манижа.

Гирандаи стипендияи президентӣ шудан осон набуд. Ин ҳам масъулият асту ҳам ифтихорот. Баҳои аъло, иштирок дар конфронсу чорабиниҳо, иншои мақолаҳо ва ғайра аз талаботи асосӣ ба довталабон аст. Манижа низ ҳамчун донишҷӯи фаъолу боғайрат муваффақ шуд, ки сазовори ин стипендияи бонуфуз гардад. Ин қадршиносӣ Манижаро рӯҳбаланд ва ҳавасманд мегардонад. Ӯ ният дорад, ки пас аз хатми донишгоҳ ба магистратура дохил шавад. Ҳамзамон аз рӯи ихтисоси математика барои гирифтани ихтисоси дуюм ба ДМТ дохил шавад. Шуғли дӯстдоштааш дӯзандагӣ ва китобхонист. Зиёд китобҳои бадеӣ мехонад. Хусусан китобҳои «Самаки айёр», «Духтари оташ» ва асарҳои Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба вай писанд аст. Дар оянда мехоҳад забони олмониро аз худ намояд ва малакаи ҳамширагиро низ омӯзад, зеро ба андешаи ӯ, бонувон бояд аз кулли ҳунарҳо бархӯрдор бошанд. Дар зиндагӣ модари худ Шарифова Озодаро идеал меҳисобад. Зеро рафтору кирдор ва гуфтори модар барояш ибратомӯз аст. Мехоҳад мисли модараш қалби пок дошта бошад.

Шиори ӯ дар зиндагӣ ин аст: «Ягон кори ғайриимкон нест. Ман метавонам!».

Бошад, ки Манижа доимо муваффақ бошад ва бо тавонии худ моро дар ҳайрат гузорад. Дар ин ҷода барояш барору комёбӣ ва роҳи сабз хоҳонем.

**Насрулло ТӮЙЧИЗОДА**

# МЕҲРГОН НИШОНАИ ПОКИЗАГИЮ ФАРОВОНҲОСИЛИСТ



Ҷашни Меҳргон яке аз идҳои бузурги суннатии кишоварзии аҷдодонамон ба шумор рафта, дар радифи пуршукӯҳтарин ҷашнҳои мардуми форсизабон қарор дорад, ки аз замони дуродури таърих сарчашма мегирад. Он яке аз рукнҳои муҳими худшиносиву ҳувияти миллии тоҷикон мебошад. Меҳргон покизагию фаровонҳосилӣ, ризқу рӯзии мардум, хони пурнозу неъмат, қаноатмандию нишотро бо худ ҳамроҳ меоварад ва таҷлили пуршукӯҳи он башорат аз рӯзгори босаодату пурфайз аст.

Дар замони Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон эҳёи расму оинҳои миллӣ, аз ҷумла Меҳргон сурат гирифт. Зеро бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 августи соли 2009 иди Меҳргон дар ҷумҳурӣ ҳамчун иди миллӣ эътироф гардид. Ҳоло дар Тоҷикистон ҳар сол ҷашни Меҳргон моҳи октябр таҷлил мегардад. Дар тамоми бозорҳои ноҳияҳо, шаҳрҳою шаҳракҳо мардум дастовардҳои кишоварзии соли равонро ба намоиш бароварда, гурӯҳҳои ҳунарӣ даста-даста дар фазои озод таронасароӣ менамоянд. Маҳсулоти гуногуни кишоварзӣ барои фурӯш бароварда мешаванд.

Тавре Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гуфта буданд: «Меҳргон ба монанди Наврӯз таҷассумгари суннатҳои неки инсонист, ки файзу баракати хони пурнеъмати кишоварзонро инъикос менамояд. Бинобар ин, зарур аст, ки ҳар сол бо шукӯҳу шаҳомати хосса таҷлил карда шавад. Аз ин хотир, анъанаву расму ойини хос ва фарҳанги ғании мардуми тоҷик, ки аз қадимулайём бо замин сару кор доштанд ва соҳиби маданияти баланди заминдорӣ буданд, то имрӯз зинда боқӣ мондааст ва ҳамчун ҷузъи таркибии тамаддуни умумибашарӣ барои инсоният хизмат менамояд».

Бояд гуфт, ки дар мавсими ҷамъоварии ҳосили заҳмати марди деҳқон фаро расидани иди Меҳргон басо рамзӣ буда, ҳамчун иди касбии кишоварзон ба ҳукми анъана дар омадани таҷлили расмии он далели он аст, ки миллати куҳанбунёди мо дар партави сиёсати Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон рӯ ба арзишҳои гузаштаи фарҳангии хеш овардааст ва эҳёи онҳоро вазифаи бошарафи худ медонад.

Ҷашни Меҳргон яке аз идҳои аҷдодист, ки аз қадимулайём онро ниёгони мо бо шукӯҳу шаҳомати хосса таҷлил менамуданд. Пайдоиши Меҳргон аз замони салтанати сулолаи Каёниён сарчашма гирифтааст, ки аз басо қадима будани он далолат мекунад. Ҷашни Меҳргон, қабл аз ҳама, иди меҳру муҳаббат, дӯстию рафоқат, накукорӣ, тантанаи барзгарон буд, ки ниёгонамон баъди ҷамъоварии ҳосил онро ҷашн мегирифтанд. Дар "Авасто" омадааст, ки мардум Меҳргонро 6 рӯз ҷашн мегирифтанд.

Ҷашни Меҳргон иди миллии таърихиву суннатии миллати мо буда, дар баробари Наврӯз ба урфу одат бо гузаштаи дуру наздик ва имрӯзи зиндагии халқамон алоқаи ногусастанӣ дорад. Оид ба маъно, пайдоиши он ривояту нақлҳои фаровону гуногун мавҷуданд. Аз ҷумла, зикр ёфтааст, ки ориёиҳо солро ба ду фасл тақсим мекарданд: фасли якум зимистон ва фасли дуюм тобистон. Ҷашни Наврӯз дар оғози тобистон ва Меҳргон дар оғози зимистон бо шукӯҳу тантана барпо мешуданд. Пеш аз фасли сармо омадани Ҷашни Меҳргон аз он далолат мекунад, ки он ҷашни табиат аст ва баъд аз бардошти ҳосили кишоварзию боғдорӣ ва чорводорӣ ба хотири шукронаи Офаридгор таҷлил мегардидааст.

Таҷлили Меҳргон дар мавсими ҷамъоварии дастранҷи марди деҳқон далели он аст, ки миллати тамаддунофари тоҷик дар партави сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯ ба арзишҳои гузаштаи фарҳангии хеш оварда, эҳёи онро яке аз вазифаҳои муқаддаси худ қарор додааст.

Бовар дорем, ки дар партави сулҳу амонӣ ва файзи ваҳдати миллӣ баракати Меҳргони имсола аз гузашта ва Меҳргони оянда аз имсола ҳам зиёдтар ва хони мардуми кишвар боз ҳам рангинтар хоҳад гардид.

**Муҳаммади МАҲМАДУЛЛО,**
**донишҷӯи курси 2,**
**факултети ҳисобдорӣ ва омор**

# БОЯД АЗ РӮЗ БА РӮЗ БИХРАДУ СОЛОР ШАВЕМ...



Тоҷикистон Ватани азизи ман аст. Дар ин диёри ободу зебо, шукуфону гулафшон ва дорои табиати дилфиребу дилоро, ки онро, барҳақ, биҳишти рӯи олам меҳисобанд ва номи он Тоҷикистон аст, чашм ба олами ҳастӣ кушодам. Дар ҳавои фораму беғубори Ватанам, диёри ҳамешасабзу гулафшон, бӯи муаттари гулу райҳон, обҳои софу форам, сарзамини бойи меваҷоту сабзавоти ширину лазиз ва аз нигоҳи экологӣ фоидаовар, муҳимтар аз ҳама, дар фазои амну осоиштагӣ ва сулҳу ваҳдати миллӣ бо хушнудиву шодкомиҳо ба камол расидам. Бо майлу хоҳиши зиёд ва такмили донишу касбият тариқи Маркази миллии тестӣ донишҷӯи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон гардидам.

Инак, ман донишҷӯям, донишҷӯи соли аввали муассисаи таҳсилоти олии касбии Тоҷикистони соҳибистиқлол! Аз он ки зодаи ин диёри куҳанбунёди ҳамешабаҳорам, ки дар давоми 27 соли соҳибистиқлолии миллӣ рушди бесобиқа карда, ба як кишвари ободу зебо, шукуфону гулафшон, амну осоишта табдил ёфтааст, ифтихормандам. Ифтихор аз он дорам, ки имрӯз Тоҷикистони маҳбуби ман дар миқёси ҷаҳон мавқеи босазое дошта, ташаббусҳои умумиҷаҳонии Президенти маҳбубамон амалӣ шуда истодаанд.

Бо чунин ташаббусу ҳиммати халқ ва бунёдкориҳо, ки, хушбахтона, дар ҳар самт ба мушоҳида мерасанд ва ҳамчун мужда аз воситаҳои ахбори омма пайваста огаҳӣ пайдо мекунем, боварии комил дорам, ки то ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки имрӯзҳо ба истиқболи сазовори он якдилона камари ҳиммат бастаем, Тоҷикистони маҳбубро дилорову назаррабо ва зеби олам мегардонем.

Албатта, ҳамчун донишҷӯ вазифаи худро, пеш аз ҳама, дар омӯзиши фанҳои таълимӣ ва илмҳои замона меҳисобам, вале ҳеҷ гоҳ худро дар масъалаҳои ободиву зебоӣ, риояи тартиботу рушди иҷтимоиёту иқтисодиёт, фарҳангу маориф ва таъриху сиёсат бетараф ва ё бетафовут намеҳисобам ва буда ҳам наметавонам.

Тоҷикистон ватани ҳар як шаҳрванд, ҳар як соҳибватан аст. Дар ҳимоя ва эҳтироми муқаддасоти давлатӣ ва дигар арзишҳои миллӣ якдилона ва собитқадамона камари ҳиммат бубандем. Аз майлу гаравишҳои ноҷо ба ҳизбу ҷараён ва ҳаракатҳои ифротиву иртиҷоӣ худдорӣ кунем ва доир ба оқибатҳои нохушу ногувори чунин майлу гаравишҳо андеша намоем. Аз шароити мусоиди таълимие, ки дар муассисаҳои таълимӣ, дар китобхонаю дигар марказҳои таълимиву омӯзишӣ бароямон муҳайё кардаанд, самаранок истифода барем. Аз гузашти вақт ғофил набошем. Ба қавли шоири маҳбуби миллат, Лоиқи зиндаёд:

**Бояд аз рӯз ба рӯз бихраду солор шавем,**
**На чу дирӯза ба як қоида такрор шавем.**

Аз осори ниёгонамон, аз дарсҳои устодону маслиҳатҳои калонсолон ва аз таърихи гузаштаамон хуб эҳсос мекунем, ки ниёгонамон забони ноби тоҷикиву фарҳанги оламшумули ғанӣ ва таърихи сабақомӯзро ба имрӯзиён мерос гузоштаанд ва мо онро бояд бегазанд ва беолоиш ба ояндагон пешкаш кунем. Рисолати мо васли дирӯзиён ба ояндагон аст. Яъне, вазифаи нардбонии давру айём ба дӯши ҳар кадоми мост.

Мақсади мо омӯхтану аз худ кардани илмҳои замона, забони модарии худро бо тамоми нозукию паҳлуҳояш, ҳамчунин муоширатро бо на камтар аз ду забони маъмули хориҷӣ аз худ кардан аст.

Тинҷиву оромӣ, сарсабзиву шукуфоӣ, шароитҳои мусоиди таълимӣ ва дастрасӣ ба тамоми воситаҳои мавҷуда моро вазифадор менамояд, ки имрӯз бояд аз дирӯз масъулиятро бештар дарк кунем, арзишҳои миллиро ҳифз ва Тоҷикистони маҳбубро сидқан дӯст дорем.

**Нилуфар РАҶАБАЛИЗОДА,**
**донишҷӯи курси 1, факултети**
**ҳисобдорӣ ва омор**

**Саноати имрӯзаи Тоҷикистон дорои заминаи маҷмӯии инкишофёфта буда, аз 90 самти истеҳсолот иборат аст ва беш аз 140 навъи маҳсулотро истеҳсол мекунад.**

# САЙЁҲӢ ВА РУШДИ ОН ДАР ТОҶИКИСТОН



Дар шароити кунунӣ яке аз масъалаҳои муҳиме, ки дар мадди назари Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад, соҳаи сайёҳӣ махсуб меёбад. Соли 2018 Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон гардид. Ин иқдом барои тараққӣ додани соҳаи сайёҳӣ, муаррифии шоистаи имкониятҳои сайёҳии мамлакат ва фарҳанги миллӣ дар арсаи байналмилалӣ, инчунин ҷалби сармоя ба инфрасохтори сайёҳӣ шароити мусоид фароҳам меоварад.

Сайёҳӣ муаррификунандаи таърихи фарҳанг, табиат ва анъанаҳои миллӣ махсуб ёфта, яке аз соҳаҳои муҳими бо шуғл фаро гирифтани аҳолии қобили меҳнат, баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум ва рушди дигар соҳаҳои хизматрасониву истеҳсолӣ ба шумор меравад.

Шоистаи таъкид аст, ки сайёҳӣ яке аз соҳаҳои сердаромадтарини иқтисодиёти ҷаҳон буда, тибқи маълумотҳои мавҷуда дар ин самт айни ҳол беш аз 150 млн. нафар кору фаъолият доранд. Кишварҳои мутараққии дунё манфиати соҳаи сайёҳиро хуб дарк намуда, ба он диққати махсус зоҳир менамоянд. Тибқи баъзе манбаъҳои иттилоотӣ даромади соҳаи сайёҳӣ соли 2000-ум 461 млрд. долларро ташкил дода, тахмин меравад, ки то соли 2020-ум ба 2 трлн. доллар хоҳад расид.

Рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан баъди ҷанги шаҳрвандӣ оғоз гардид. Соли гузашта Кумитаи рушди сайёҳӣ таъсис дода шуд, ки он барои рушди ҳамаҷонибаи ин соҳаи афзалиятнок заминаи муҳим махсуб меёбад.

Илова бар ин, оғози соли гузашта шаҳри Душанбе дар раддабандии шаҳрҳои аз нигоҳи сайёҳӣ оянддадор сазовори ҷойи аввал гардид. Ин раддабандиро маҷаллаи маъруфи сайёҳии «34 Travel» бар асоси таҳқиқоти ширкати машҳури амрикоӣ «Mastercard» анҷом дода буд.

Ҳамчунин, кӯҳҳои Помири Тоҷикистон ба феҳрасти «100 мавзеи беҳтарини ҷаҳон» ворид шуд. Ин эътирофи минтақа чун яке аз самтҳои беҳтарину устувор барои сайёҳии экологӣ арзёбӣ гардид. Помир, кӯҳҳои Помир, водии Вахон ва Бартанги Бадахшон маротибаи сеюм аст, ки бо ҷойҳои алоҳидаи сайёҳияш ба шумори «Топ-100»-и ҷойҳои аз ҳама беҳтарин ё сабз барои ҷаҳонгардӣ ворид мегарданд.

Дар ин радиф, таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба захираҳои сайёҳии ватанамон зиёд гардида, симои кишвар ҳамчун мамлакати осоишта ва дорои захираҳои бойи сайёҳӣ боз ҳам устувортар мегардад. Муаррифии соҳаи сайёҳии ҷумҳурӣ дар намоишгоҳҳои байналмилалии сайёҳӣ дар шаҳрҳои Москва, Тошканд, Исломобод, Берлин, Токио, Париж, Лос-Анҷелес, Варшава, Лондон, Пекин, Остона, Алма-Ато, Сеул ва дигар манотиқи олам барои воридшавии ҷумҳурӣ ба бозорҳои ҷаҳонии сайёҳӣ ва ҷалби бештари сайёҳон заминаи мусоид фароҳам оварда истодааст.

Қабул гардидани Консепсияи рушди сайёҳӣ барои солҳои 2009-2019 фазои мусоиди ҳуқуқиро фароҳам оварда, самтҳои афзалиятнок ва тақвият бахшидани соҳаи сайёҳиро дар кишвар муайян менамояд. Дар асоси санади мазкур то соли 2020 бояд 1 млн. сайёҳ аз Тоҷикистон дидан кунанд. Мавзеъҳои таърихӣ, шаҳрҳои қадимаи Истаравшан, Панҷакент, Ҳисор, Исфара бо нигоҳ доштани симои қадимӣ, анъанаҳои қадимаи таърихӣ ва ҳунарҳои мардумӣ диққати ҳазорон сайёҳонро ба худ ҷалб намудааст.

Хуллас, мақсади асосии инкишофи сайёҳӣ дар кишвари мо, пеш аз ҳама, ташаккулёбии экология, ичтимоиёт, самаранок ва рақобатнок намудани комплекси сайёҳӣ, ғанӣ гардонидани буҷаи давлат ба дар ин самт инкишофи иқтисодиёти миллӣ ва таъмин намудани аҳолӣ бо ҷойи кор мебошад. Тоҷикистон дар байни мамлакатҳои Осиёи Марказӣ аз ҷиҳати захираҳои таҷдиди саломатӣ ва сайёҳӣ мақоми пешсафро дорост. Ҳамзамон, боигариҳои зиёди табиӣ ва минтақаҳои таърихии Тоҷикистон метавонад диққати сайёҳони ҷаҳонро ба худ ҷалб намояд ва дар рушди сайёҳии кишварамон саҳм гузорад.

**Манучеҳр ЗАРИФОВ,**
**ассистенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ**

# МАВҚЕИ ТУРИЗМ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ ҶАҲОН

Туризм падидаи мураккаби иҷтимоию фарҳангӣ ва иқтисодии замони муосир махсуб ёфта, паҳлуҳои гуногуни он зери назари илмҳои гуногун қарор дорад. Аз нигоҳи илми иқтисодӣ туризм ин низоми васеи иқтисодӣ бо рангорангии робитаҳои байниҳамдигарӣ дар чорчӯбаи хоҷагии халқи кишвари ҷудогона баҳо дода мешавад. Ғайр аз ин, туризм таъминкунанда ва пайвандгари иқтисоди миллӣ бо хоҷагии ҷаҳонӣ буда, бо фаъолияти иқтисодии хеш истифода аз захираҳои туристӣ ва хизматрасонӣ маҳсули худ ва хадамоти ташкилотҳои гуногунро пешниҳод менамояд.

Аслан аз нигоҳи иқтисодӣ туризм дорои 5 хусусияти асосӣ мебошад: туризм ҳамчун раванд ва натиҷаи ҳаракати одамон аз рӯи хатсайрҳои гуногуни туристӣ; муайянкунандаи ду заминаи асосии туризм: саёҳат ба истироҳат ва натиҷагирӣ дар он ҷо; саёҳат ифодагари хуруҷ аз мамлакат (минтақа)-е, ки ҷойи зисти муқимӣ махсуб меёбад; майлу хоҳиши сафари туристон ба марказҳои гуногуни туристӣ матлабгари вақт аст ва ин муайянкунандаи он аст, ки пас аз муҳлати муайян (рӯзҳо, ҳафта, моҳ) ба диёри аслии хеш баргарданд; саёҳат ин шакли фаъолиятест, ки бидуни ҷойи истиқомати доимӣ дар марказҳои туристӣ бо мақсадҳои гуногун, табобат, солимгардонии бадан, кӯҳгардӣ, варзиш, дидгоҳи илмӣ, динӣ, фарҳангӣ, симпозиум ва конфронсҳо бе фаъолияти ба даст овардани маблағ роҳандозӣ мегардад.

Туризм шакли фаъолиятест, ки рушди он аз дороии молиявӣ ва захираҳои мувақкатии истеъмолкунандагони хадамоти туристӣ вобаста аст. Зикр кардан ҷоиз аст, ки сабаби асосии сайри одамон ин фориғ будан аз фаъолияти корӣ, мушкилот ва проблемаи рӯзмарраи ҳаёт мебошад. Яке аз омилҳои муҳимтарин дар иқтисоди туризм ин далелест, ки як қисми даромад аз сайёҳон дар марказҳои туристӣ сарф гардида, қисми дигар ҳангоми сайр намудани сайёҳон харҷ мегардад ва шароитҳои мусоидро ҷиҳати тақсимоти даромад миёни кишварҳою минтақаҳо ба амал меорад.

Тибқи маълумоти Ташкилоти байналмилалии сайёҳӣ, ҳиссаи сайёҳӣ дар ММД-и ҷаҳон тақрибан 9%-ро ташкил медиҳад. Дар аксари мамлакатҳо соҳаи сайёҳӣ 50% ҳаҷми ММД-ро ташкил медиҳад.

Мамлакатҳое, ки дорои захираҳои бузурги сайёҳианд, ин ИМА, Туркия, Испания, Фаронса, Олмон, Англия, Юнон, Португалия, Австрия, Маҷористон ва Мексика мебошанд. Ин захираҳо имкон медиҳанд, ки ба ин мамлакатҳо микдори зиёди сайёҳон ворид шаванд.

Тибқи маълумоти пешакии Ташкилоти байналмилалии сайёҳӣ шумораи сайёҳон дар соли 2030 ба 2 миллиард нафар мерасад, ки ин ба иқтисодиёти мамлакатҳои ҷаҳон таъсири мусбат мерасонад.



Эълон шудани Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ бисёр бамаврид ва сариваквист. Бо боварӣ метавон гуфт, ки дар сураъти амалӣ гаштани нақшаву ҷорабиниҳо, ки ҳамаи паҳлуҳои соҳаи туризмро фарогир аст, имкони қабули 1 миллион сайёҳи хориҷӣ ба кишвар дар соли 2020 имконпазир аст.

Дар ҳақиқат, табиати зебои Тоҷикистон имконҳои зиёд барои тараққиёти соҳаҳои сайёҳӣ ва рушди ҳунарҳои мардумиро дорад ва мо ҷавонони кишвар дар густариши ин соҳа саҳм хоҳем гузошт.

**Орзумурод РАҲИМБЕРДИЕВ,**
**донишҷӯи курси 2,**
**факултети муносибатҳои иқтисоди байналмилалӣ**

# ДИНИ ИСЛОМ БО ТЕРРОРИЗМ АЛОҚАЕ НАДОРАД

Дар олами муосир хатари терроризм яке аз масъалаҳои мубрами рӯз ба ҳисоб рафта, ин раванди номатлуб ҷомеаи башариро нигарон намудааст. Аз ин рӯ, мардуми сулҳдӯсти сайёра баҳри пешгирии омилҳои террористӣ тамоми роҳу усулҳои самарабахши мубориза алайҳи онро пайдо хоҳанд намуд. Ин зуҳуроти манфӣ имрӯз яке аз амалҳои бениҳоят хатарнок шинохта шуда, ҳамчун ҷинояти дорои хусусияти байналмилалӣ эътироф гардидааст.

Амалиёти террористии бо номи исломиён бааламаломада нисбат ба дини мубини ислом ҳисси бадбинии мардуми ғайримусулмонро ба вуҷуд оварда, барои пешрафти давлатҳои мусулмонӣ монеаҳои ҷиддӣ эҷод менамояд. Паёмади амалҳои тундгарӣ, ифротгароӣ ва террористӣ, бешубҳа, на ба манфиати башарият ва на ба манфиати халқҳои мусулмони дунё мебошад. Хисороти моддию маънавӣ дар натиҷаи содир намудани амалҳои террористӣ низ беҳисоб аст.

Имрӯз ҳамаи мо тариқи моҳвораву шабакаҳои интернетӣ ва дигар васоити ахбори омма огоҳ ҳастем, ки дар ҷаҳони ислом вазъият чӣ гуна ноорому мудҳиш аст. Таҳлили коршиносон нишон медиҳад, ки расонаҳо ва технологияҳои иттилоотии муосир, ба вижа шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ аз ҷониби гурӯҳҳои махсуси ифротгарову фитнаҷӯ барои таблиғи ақидаҳои тундгароёнаи худ моҳирона истифода мешаванд.

Аз таҳлили фазои иттилоотӣ метавон ба хулосае омад, ки дар даҳсолаҳои охир таблиғи ақидаҳои дорои характери ифротӣ ва тундгароёна на танҳо дар кишвар, балки дар тамоми дунё торафт зиёд гашта истодааст. Мутаассифона, ин раванд барои амнияти кишвар ва минтақа хатар ва паёмадҳои манфӣ дорад. Хатари аслии ин зуҳурот дар он аст, ки имрӯз баъзе аз ҷавонони мо тахти таъсири таблиғоти доираҳои муайяне, ки дар минтақа қарор доранд ва мақсади асосиашон ноором сохтани вазъи сиёсии минтақа мебошад, мондаанд. Онҳо ба васлаи истифода аз дин ва эътиқодоти динӣ барои расидан ба ҳадафҳои нопоки худ ва тарвиҷи тундгароӣ дар ҷомеаи суннатии кишвар ва инкори арзишҳои дунявӣ амал менамоянд.

Дар шароити кунунӣ вазифаи ҳар як фарди ватандӯсту ватанпарвар, миллатдӯсту мусулмон, алалхусус ҷавонон, ки ҳамчун нерӯи асосии пешбарандаи ҷомеа махсуб меёбанд, аз он иборат аст, ки аз таълимоти гурӯҳҳои манфиатҷӯе, ки дини мубини исломро бо терроризм айният медиҳанд ва тундгароиро омили ҳифзи ислом муаррифӣ мекунанд, худдорӣ намоянд. Зеро дар натиҷаи гароиш ба ин гуна ҳизбу ҳаракатҳои радикалиӣ террористӣ ҳам ҷони худро аз даст медиҳанд ва ҳам сабаби аз байн бурдани ҷони ҳазорон нафарони дигар мегарданд.

**Салимҷон АҲМАДОВ,**
**ассистенти кафедраи андоз ва андозбандӣ**

**Сафаргул АБДУСАТТОРОВА,**
**ҳуҷҷатнигори кафедра**

**Дар соли ҷорӣ тавассути грантҳои президентӣ барои рушди соҳибкории занон 8 млн. сомонӣ, ҷиҳати оғози фаъолияти соҳибкорӣ ва рушди он 15 млн. сомонӣ равона гардидааст.**

# РАВИЯИ ИФРОТГАРОИИ НАҲЗАТИЁН

**Вазъи печидаи ҷаҳони муосир ҳар яки моро водор месозад, ки барои дар рӯҳияи ватандориву ватанпарастӣ ва худшиносиву худогоҳии миллӣ тарбия намудани насли наврас масъулияти бештар дошта бошем. Зеро маҳз насли худшиносу худогоҳ, ватандӯсту ватанпараст метавонад доир ба дилхоҳ ҳодисаи ба давлату миллат рабтдошта хулосаи даркорӣ барорад ва барои ҳифзи Ватану миллат камари ҳиммат бандад.**

Ҳодисаҳои Ироқу Сурия, амалҳои террористии ДИИШ, «толибон»-и Покистону Афғонистон нишон дод, ки дур будан аз илму дониш ва маърифати динӣ, инсонҳоро ба манқурт табдил медиҳад.

Тавре мушоҳида мекунем, вазъи сиёсии мамлакатҳои Шарқ айни замон хеле ноором аст ва он бевосита ба тамоми давлатҳои ҷаҳон таъсири худро мерасонад. Равияю ҳизбҳои террористиву экстремистии ин мамолик давлати соҳибистиқлолу дунявии тоҷикро низ ба гирдоби идеологияи динии худ кашиданианд.

Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳанӯз солҳои навадуми асри гузашта давраи фоҷиабори муқовимат бо терроризму экстремизмро аз сар гузаронида, дар ин роҳ талафоти зиёди ҷонию молӣ дода буд. Ин аст, ки феълан Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сафи пеши мубориза бо ин зуҳуроти даҳшатноку нафратовар қарор дорад ва ҳамеша ҷомеаи ҷаҳониро ба мубоизаи муштарак бо ин вабои аср даъват мекунад.

Ҳизби наҳзати исломи Тоҷикистон, ки дар гузашта дар сатҳи сиёсии давлатамон пурра фаъолият мекард, имрӯз пешбарандаи идеологияи ифротгароиву иғвогарӣ гаштааст, ки бар зидди сиёсати оқилонаи Президенти ҷумҳуриамон аст.

Тибқи маълумотҳои пешниҳоднамудаи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Танҳо дар 5 соли охир 45 нафар аъзоёни ҳизби наҳзати исломи Тоҷикистон ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин, 17-тои онҳо бошанд, барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти ифротгароӣ ва террористидошта, аз қабили ташкили иттиҳодияҳои ҷиноятӣ ва иштирок дар онҳо, даъватҳои оммавӣ барои бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионии кишвар ва барангехтани кинаю адовати динӣ, ки барои ноором

ии авзои сиёсӣ мусоидат менамоянд, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудаанд».

Наҳзатиён мехостанд аз дини мубини Ислом истифода бурда, амалиёти экстремистиву террористии худро роҳандозӣ намоянд ва амалҳои ҷиноятк

оронаи хешро бахри ба даст овардани ҳокимият пардапӯш карда, халқи тоҷикро боз як бори дигар ба ҷанги бародаркуш даъват намоянд.

Гузашта аз ин, собит гардид, ки шомилшавии бархе аз ҷавонони ноогоҳи тоҷик ба ташкилотҳои террористию экстремистӣ аз фаро гирифтан ба таҳсилоти ғайрирасмии динӣ дар хориҷи кишвар сарчашма мегирад. Ҷалб намудани ҷавонон ба таълимоти динӣ дар кишварҳои беруна яке аз марҳилаҳои ибтидоии шомилшавии онҳо ба ташкилотҳои террористӣ мебошад. Яке аз омилҳои пешгирии гаравидани шаҳрвандон ба ҳизбу ҳаракатҳои экстремистӣ роҳ надодан ба таҳсили ғайрирасмии динии ҷавонон ва баланд бардоштани масъулияти падару модарон дар таълиму тарбияи фарзанд ба ҳисоб меравад.

Аслан зуҳуроти даҳшатноку нафратовари терроризм, ки аксаран тахти ширҳои диниву мазҳабӣ сурат мегирад, ба дини мубини Ислом иртиботе надошта, баръакс, аз ҷониби душманони ин дини муқаддас роҳандозӣ мегардад ва аз ваҳшонияти асримиёнагии террористӣ, пеш аз ҳама, кишварҳои исломӣ ва мусулмонони сайёра зарар мебинанд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон озодии виҷдон ва эътиқоди диниро кафолат дода, имрӯз дар кишварамон барои шаҳрвандон тамоми шароит ва имкониятҳо фароҳам оварда шудаанд. Мувофиқи талаботи он ҳаёти ҷамъиятӣ дар мамлакатамон дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ инкишоф меёбад, мафкураи ҳеҷ як ҳизб, иттиҳодияи динӣ, ҳаракат ё гурӯҳе наметавонад ба ҳайси мафкураи давлатӣ эътироф шавад. Бинобар ин умед дорем, ки сулҳу суботи давлатамон пойдор мемонад ва ягон ҳизбу равияи ифротгаро осмони софи тоҷикро тира намегардонад.

**ДЕМБЕГИЕВ М.С.,**
**ҒАФУРОВ Ғ.С.,**
**устодони кафедраи фаъолияти бонкӣ**

# ТАЛАБОТИ ИТТИЛООТИИ ҶОМЕА БОЯД ҚОНЕЪ ГАРДАД



Асри XXI дар ҷаҳон бо таҳаввулоти беназири илмӣ, техникӣ ва технологӣ оғоз гардид. Бо ворид гардидани технологияҳои муосири иттилоотӣ ба ҳаёти ҳаррӯзаи инсоният, шуур ва ҷаҳонбинии одамон куллан тағйир ёфт. Имрӯзҳо технологияҳои иттилоотӣ тамоми самтҳои фаъолияти инсонро фаро гирифтаанд. Яъне, ягон соҳаеро бидуни истифодаи технологияҳои иттилоотӣ тасаввур намудан ғайриимкон аст. Азбаски предмети технологияҳои иттилоотӣ ин иттилоот мебошад, бинобар ин асри XXI-ро асри иттилоот меноманд.

Ворид гардидани технологияҳои иттилоотӣ ба ҳаёти иҷтимоии мардум дар баробари афзалиятҳо, инчунин як қатор мушкилиҳоро низ ба миён овард. Яке аз мушкилоти асосие, ки имрӯзҳо ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш овардааст, истифодаи васеи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар амалиёти хусусияти террористию экстремистидошта мебошад. Агар ба омори амалиёти хусусияти экстремистидошта назар афканем, маълумамон мегардад, ки аксари чунин ҷиноятҳо бо истифода аз шабакаи ҷаҳонии Интернет ба амал омадаанд. Зеро имрӯзҳо интернет ва, умуман, технологияҳои мобилӣ ба як узви ҷудонашавандаи инсоният табдил ёфтаанд.

Маълум аст, ки дар шабакаи Интернет ҳаҷм ва миқдори иттилоот бемаҳдуд аст. Инчунин мазмун ва мухтавои иттилооти дар шабакаи Интернет гардишёбанда маҳдуд набуда, ба ҳар як истифодабарандаи шабакаи интернетӣ дар як лаҳзаи кӯтоҳ метавонад маълумоти гуногун пешкаш гардад. Азбаски идора намудани чунин миқдори бемаҳдуди иттилоот аз нигоҳи техникӣ ва технологӣ дар шароити имрӯза имконнопазир аст, аз ин фурсат гурӯҳҳои гуногуни ҷиноятӣ, махсусан гурӯҳҳои террористию экстремистӣ ба таври васеъ метавонанд истифода намоянд. Яъне, ин гурӯҳҳо аксаран он иттилоотеро ба шабака паҳн менамоянд, ки шуур ва мафкураи хонандаро тағйир дода, охиста-оҳиста зери фишори иттилоот ба объекти худ табдил медиҳанд. Чунин фишори иттилоотӣ метавонад дар шакли видеофилмҳои таблиғотӣ, расмҳои тахрифшуда, шиорҳои таблиғкунандаи амалҳои экстремистӣ ва дигар амалҳо анҷом ёбанд. Инчунин, гурӯҳҳои экстремистӣ ва террористӣ, дар бештари мавридҳо, дар тамоми шабакаҳои иҷтимоӣ гурӯҳҳои худро бо номҳои гуногуни хусусияти динидошта ташкил дода, одамони аз донишҳои мукаммали динӣ ва дунявӣ маҳрумгаштаро ба ин гурӯҳҳо ҷалб менамоянд. Аммо бояд қайд намуд, ки дар аксар маврид он нафароне ба объекти чунин гурӯҳҳо табдил меёбанд, ки аз талаботи солими иттилоотӣ маҳрум гардидаанд.

Дар шароити имрӯза роҳу воситаҳои паҳнкунии иттилоот зиёданд. Масалан, телевизион, радио, маҷаллаю рӯзномаҳо ва шабакаи Интернет. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки нисбат ба дигар давлатҳои тараққикарда дастрасии оммавӣ ба шабакаи Интернет дар он пасттар аст, ягона воситаи осони дастрасимоии иттилоотӣ ин ВАО мебошад. Аммо то кӯҷо иттилооти паҳнкунандаи он талаботи шунавандаро қонеъ мегардонад, масъалаи муҳим ба ҳисоб меравад. Агар ба мухтавои барнома ва маълумотҳои телевизион, радио ва рӯзномаю маҷаллаҳои имрӯзаи мамлакат назар афканем, мушоҳида намудан мумкин аст, ки аксари онҳо талаботи иттилоотии мардум, махсусан ҷавононро ба таври кофӣ қонеъ намегардонанд. Зеро услуби барномаҳои телевизионӣ ва радиоӣ, ки аксари мардум онҳоро ҳамчун воситаи арзони иттилоърасонӣ қабул менамоянд, дар шароити имрӯза бо дигар воситаҳои иттилоърасонӣ рақобатпазир нестанд. Дар шароити имрӯзаи ҷомеаи иттилоотӣ барномаҳои телевизионӣ бояд рангоранг гардида, диққати тамошобинро ба худ ҷалб намоянд. Бо услуби таҳиякунии барномаҳои телевизионии солҳои 90-ум ва 2000-ум наметавон талаботи иттилоотии ҷомеаи имрӯзаро қонеъ намуд. Бояд дар фазои иттилоотӣ рақобати солим байни воситаҳои иттилоърасон ташкил гардад. Зеро, маҳз дар чунин шароит телевизиону радио барои ҷалби ҳар як бинанда ва шунаванда мубориза мебаранд. Ҳамзамон бо ташкил гардидани рақобати озод дар соҳаи телевизион ва радио шоу-барномаҳои рангин ташкил мегарданд, ки ҷавонон аз шабакаҳои иҷтимоӣ рӯй ба телевизон оварда, хатари эҳтимолии пайвастшавии онҳо ба гурӯҳҳои ҷиноятпеша камтар мегардад. Дар ин маврид бояд қайд намуд, ки то ба ҳол дар аксар манотиқи дурдасти мамлакат мавҷҳои телевизионӣ ва радиоӣ дастрас нагардидаанд, ки ин боиси нигаронӣ аст. Азбаски дар чунин шароит холигии иттилоотӣ ба миён меояд, ҷавонон маҷбур мегарданд, ки барои қонеъ намудани талаботи иттилоотии худ рӯй ба шабакаҳои иҷтимоӣ ва месенҷерҳои интернетӣ оранд ва дар аксар маврид, маҳз, дар ин фазои иттилоотӣ ба доми гурӯҳҳои ҷиноятӣ меафтанд.

Дар асри XXI, ки онро асри иттилоот ном мебаранд, дар чунин ҷомеа талабот ба иттилоот ба монанди дигар арзишҳои иҷтимоӣ зиёд гардидааст. Дар чунин шароит бахри қонеъ гардонидани талаботи иттилоотии ҷомеа бояд аз тамоми роҳу воситаҳо истифода намуд. Зеро дар асри иттилоотӣ, иттилоот ба яке аз ҷузъҳои асосии ҷомеа табдил ёфтааст. Фаъолияти имрӯзаи равандҳои иқтисодиро низ бидуни дастрасии васеъ ба иттилоот тасаввур намудан имконнопазир аст. Иқтисодиёти муосир ба равандҳои иттилоотӣ алоқамандии зич дорад. Аз ҷумла, имрӯзҳо тиҷорати бузурги байналмилалӣ тавассути биржаҳои молию электронӣ амалӣ мегардад, ки асоси онро иттилооти саҳеҳ ва фаврӣ ташкил менамояд. Дар шароити имрӯза мутахассисе, ки аз иттилооти муосири соҳавӣ бархӯрдор мегардад, барои пешбурди кори худ аз он истифода бурда метавонад. Бинобар ин таъмин намудани ҷомеа бо иттилооти гуногунҷабҳа зарурати замон мебошад. Маҳз дар чунин шароити фазои озоди иттилоотӣ метавон ҷомеаи мутамаддинро бунёд намуд.

**Довар УСМОНОВ,**
**ассистенти кафедраи информатикаи амалӣ дар иқтисодиёт**

**Тавассути Фонди дастгирии соҳибкорӣ то имрӯз дар 50 шаҳру ноҳияи кишвар барои 168 лоиҳаи тиҷоратӣ 243 млн. сомонӣ қарзи имтиёзнок дода шудааст.**

# ЗОДРӮЗ МУБОРАК!

## Бонуи азизу арҷманд, Қурбонназарова Ҳайринисо!

Шуморо бо чашни фархундаи мавлудатон сидқан шодбош мегӯем. Таманнои онро дорем, ки дар ҷодаи кору зиндагӣ ҳамеша муваффақ бошед. Аз Худованд талаб менамоем, ки бароятон умри дарозу бахти накуро арзонӣ дорад.

**Гул бипошад ишқ доим дар сари роҳи шумо,**
**Ғам наёбад ҳеҷ гоҳе раҳ ба даргоҳи шумо.**
**Дар тамоми гирудору гарму сарди зиндагӣ,**
**Ханда бошад доимо дар рӯйи чун моҳи шумо.**

# ОЁ МЕДОНЕД?

Тифлҳо бе кулчаҳои зону ба дунё меоянд. Кулчаҳои зону дар синни 2-6-солагӣ пайдо мешаванд.

***

Аз ҳама суръати баландтарини интернет дар Ҷопон ва Кореяи Ҷанубӣ аст.

***

Гов қодир аст, ки зиёда аз 10 намуд овоз барорад.

***

Алберт Эйнштейн як умр ҷӯроб намепӯшид.

***

Сомонаи иҷтимоии Фейсбук бо 70 забони дунё тарҷума гардидааст.

Агар тамоми мӯйҳои сабзидаву рехтаи як одамро ҷамъ кунанд, ба 700 километр баробар мешавад.

***

Ҳар сол дар рӯйи сайёра зиёда 50000 заминҷунбӣ рух медиҳад.

***

46 фоизи обҳои замин дар Уқёнуси Ором ҷой гирифтааст. Дар Уқёнуси Атланта-23,9 фоиз, дар Уқёнуси Ҳинд - 20,3 фоиз об мебошад.

***

Ба ҳисоби миёна занҳо аз мардҳо дида 8 сол зиёдтар умр мебинанд.

# ҲИКМАТ

Агар шод ҳастӣ, оҳиста биханд, то ғам бедор нашавад. Агар ғамгин ҳастӣ, ором гиря кун, то шодӣ ноумед нагардад.

**Чарли Чаплин**

***

Барои инсонҳои муваффақ дар ҳар ҳафта ҳафт имрӯз дорад, вале барои инсонҳои номуваффақ дар ҳар ҳафта ҳафт фардо. Тафовутҳои кӯчак натиҷаҳои хуберо ба бор меоранд.

**Франз Калка**

Табиат ба мо ду гӯш, ду чашм, як забон додаст. Барои бештар дидану шунидану кам гуфтан.

**Сукрот**

***

Шикоят кардан аз кори ношуд ин дучанд кардани бадӣ аст, ба ҳолаш хандидан бошад, ин нобуд сохтани он.

**Конфутсий**

***

Ҳеҷ чиз моро он гуна фиреб намедиҳад, чуз фикри худи мо.

**Леонардо да Винчи**

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

Билети донишҷӯии Бурҳонзода Шаҳбоз, донишҷӯи курси 2, шуъбаи рӯзонаи ихтисоси хадамоти гумруки факултети муносибатҳои иқтисоди байналмилалии ДДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

****

Билети донишҷӯии Бобохонзода Ҷовид Бегмуҳаммад, донишҷӯи курси 2, шуъбаи рӯзонаи ихтисоси хадамоти гумруки факултети муносибатҳои иқтисоди байналмилалии ДДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

****

Билети донишҷӯии Неъматзода Мехроҷи Икромиддин, донишҷӯи курси 2, шуъбаи рӯзонаи ихтисоси менеҷменти байналхалқии факултети муносибатҳои иқтисоди байналмилалии ДДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

****

Дафтарчаи имтиҳонии Лутфияи Маҳмадшариф, донишҷӯи курси 5, шуъбаи ғоибонаи ихтисоси 1-25010202 факултети молия ва қарзи ДДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

****

Дафтарчаи имтиҳонии Бозоров Рамазон Зайниддинович, донишҷӯи курси 4, шуъбаи рӯзонаи ихтисоси молия ва назорат дар соҳаи фаъолияти гумрукии факултети молия ва қарзи ДДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

****

Дафтарчаи имтиҳонии Ҳалимов Амирҷон Абдуҷалилович, донишҷӯи курси 4, шуъбаи рӯзонаи ихтисоси молияи факултети молия ва қарзи ДДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

****

Билети донишҷӯии Раззоқов Рухшед Раҳмонбердиевич, донишҷӯи курси 2, шуъбаи рӯзонаи ихтисоси 1-25010805 факултети ҳисобдорӣ ва омори ДДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

****

Дафтарчаи имтиҳонии Шарипов Аъзаматулло Муродалиевич, донишҷӯи курси 4, шуъбаи рӯзонаи ихтисоси бозори фондии факултети молия ва қарзи ДДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

****

Билети донишҷӯии Наботов Алиакбар Қурбоналиевич, донишҷӯи курси 3, шуъбаи рӯзонаи ихтисоси 1-25010401 факултети молия ва қарзи ДДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

****

Билети донишҷӯии Рауфов Каримҷон Ҷабборович, донишҷӯи курси 2, шуъбаи рӯзонаи ихтисоси 1-25010408 факултети молия ва қарзи ДДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

****

Билети донишҷӯии Абдураҳмонов Меҳриддин Ҳусайнович, донишҷӯи курси 2, шуъбаи рӯзонаи ихтисоси иқтисоди ҷаҳони факултети муносибатҳои иқтисоди байналмилалии ДДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

****

Билети донишҷӯии Ҳафизов Шоҳрух Хуршедович, донишҷӯи курси 2, шуъбаи рӯзонаи ихтисоси иқтисоди ҷаҳони факултети муносибатҳои иқтисоди байналмилалии ДДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

****

Дафтарчаи имтиҳонии Каримқулов Ҷуманазар Хуҷамуродович, донишҷӯи курси 4, шуъбаи рӯзонаи ихтисоси бозори фондии факултети молия ва қарзи ДДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

****

Билети донишҷӯии Шокиров Амирҳамза Ҷамолиддинович, донишҷӯи курси 3, шуъбаи рӯзонаи ихтисоси хадамоти гумруки факултети муносибатҳои иқтисоди байналмилалии ДДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

****

Билети донишҷӯии Раҳмонов Фирӯз Шаибович, донишҷӯи курси 3, шуъбаи рӯзонаи ихтисоси танзими ҳуқуқии молия ва қарзи факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисоди ДДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

# ОБУНА – 2019

Рӯзномаи «Молия ва иқтисод» фарогирандаи тамоми масоили донишгоҳ буда, моҳе ду маротиба чоп мешавад. Маъракаи обуна ба рӯзнома оғоз гардидааст. Обуна шудан ба «Молия ва иқтисод» дастрасӣ ба маводи ҷолибу хонданӣ ва ғанӣ гардондани ҷаҳони маънавиёт, фарҳанг, иқтисодиёт ва дарёфти ҳаҷви гуворост.



**Хонандаи гиромӣ, нархи обуна тағйир наёфта, барои як сол ҳамагӣ 25 сомонӣ мебошад.**

**Аз обунашавӣ ба «Молия ва иқтисод» дар канор намонед.**

**Нусхаи расиди (квитансия) пардохти маблағи обунаро ба шуъбаи табъу нашр пешниҳод намоед.**

## ЧАЙНВОРД



1. Санги қиматбаҳо 2. Бемор ба он ниёз дорад 3. Бахшиш пурсидан 4. Шаҳр дар шимоли Тоҷикистон 5. Инсоф, ҳақиқат 6. Лақаб 7. Дарахти ҳамешасабз 8. Пойтахти Австрия 9. Шаҳд, асал.

**Мураттиб Насрулло Тӯйчизода**

Раёсат, Кумитаи муттаҳидаи иттифоқи касаба ва аҳли ҳамкорон ба Саидҷаъфаров Озод, д.и.ф., профессори кафедраи забони тоҷикии донишгоҳ нисбати даргузашти

**МОДАРАШ**

изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамоянд.

Раёсат, Кумитаи муттаҳидаи иттифоқи касаба ва аҳли ҳамкорон ба Шарипова Бахринисо, мутахассиси шуъбаи умумии донишгоҳ нисбати даргузашти

**МОДАРАШ**

изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамоянд.

Молия ва иқтисод
Ҷаҳонро ба дониш тавон ёфтан
Муассис: Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Сармуҳаррир: Машҳура Абдуллоева
Котиби масъул: Саъдулло Носиров
Муҳаррирон: Раъно Ҳакимова, Насрулло Тӯйчизода, Наврӯз Ҷобиров

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №097/рз-97 аз 15 октябри соли 2018 ба ҳисоб гирифта шудааст.
**Нишонӣ: ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64\14**
**Тавзеҳ:**
Дастнавис қабул карда намешавад. Мавод бояд бо ҳуруфи **Arial Tj**, андозаи 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Нашрия на бо ҳама афкори муаллифон мувофиқ буда, ба хотири гуногунандешӣ матолиби мухталифро ба табъ мерасонад.

**Дар матбааи «Мега-принт» нашр мешавад.**
**Теъдоди нашр 4200**
**Нархаш шартномавӣ**
www.tgfeu.tj
E-mail: gazetadmit@tgfeu.tj
**Телефон: 988 – 16 – 51- 57**